«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илми таърих, профессор
__________Ибодуллозода А. И.
«19» 09 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пурра мувофиқат менамояд. Масъалаи мазкур ба доираи мавзуъ ва равандҳои нав дар забоншиносии тоҷик пайванди бевосита дошта, аз лиҳози назарӣ ва амалӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Ҷумлаи мураккаб воҳид меҳварии синтаксиси забон мебошад, зеро фикр бо ёрии он ифода меёбад ва мубодилаи афкор дар байни одамон имконпазир мегардад. ҳодисаю воқеаҳо ба якдигар ва муносибатҳои гуногуну мураккаби байни онҳо ба воситаи ҷумлаҳои мураккаб пурра ва саҳеҳ ифода меёбанд. Аз ин рӯ, муҳтавои ҷумлаҳои мураккабро инъикоси ҳодисаю воқеаҳои реалӣ шуморидан мумкин аст. Тавре маълум аст, ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб мустақилияти маъноӣ ва интонатсияи худро гум карда, ба воҳиди яклухти предикативӣ табдил меёбанд. Ҷумлаҳои содаи дохили ҷумлаи мураккаб ду хусусият доранд: якум, аз ҷумлаҳои сода чандон фарқ намекунанд: мисли ҷумлаҳои содаи мустақил дутаркиба ё яктаркиба, хуллас ё тафсилӣ мешаванд, сараъзо ва аъзоҳои пайрав доранд: дуюм, ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ мустақилии структурию семантикиро пурра нигоҳ дошта, фикри нисбатан тамомшударо ифода карда наметавонанд, зеро интонатсияи хоси худро аз даст дода, ба маънои умумию ягонагии интонатсияи чумлаи мураккаб вобаста мешаванд. Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ вазифаҳои ҷумлаҳои сода як хел нест, яке мустақил ҳасту дигаре тобешаванда. Ҷумлаи мустақил сарҷумла ва ҷумлае, ки ба сарҷумла тобеъ шуда онро тавзеҳ медиҳад, ҷумлаи пайрав ном дорад. Ҷумлаҳои пайрав

одатан ё ба яке аз аъзоҳои сарҷумла, ё ба гурӯҳи аъзоҳои он ва ё ба тамоми сарҷумла тобеъ шуда меоянд. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, микдору дараҷа ва тарзи амал эзоҳдиҳандагони ягон аъзо ё гурӯҳи аъзоҳои сарҷумла мебошанд. Аммо ҷумлаҳои пайрави замон, сабаб, мақсад, натиҷа, монандӣ, шарт ва хилоф одатан ба тамоми сарҷумла тобеъ шуда меоянд. Сарҷумла нисбат ба ҷумлаи пайрав аз ҷиҳати маъно мустақил бошад ҳам, баъзан бе ҷумлаи пайрав маънои пурра дода наметавонад, ки ин ба якдигар вобаста будани сарҷумлаю ҷумлаи пайравро далолат мекунад. Ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла тобеъ шуда, тобишҳои маъноии хеле зиёд мегирад. Диссертатсияи мавриди назар маҳз ба ҳамин сермаъноии ҷумлаҳои пайрав бахшида шудааст.

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав барои муайян кардани хусусиятҳои гуногуни ин навъи ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аҳаммияти калони назарию амалӣ дорад, зеро ин масъала дар забони муоисири тоҷикӣ ба дар сатҳи зарурӣ ва муназзам омӯхта нашудааст.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна, ки ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷик бахшида шудааст, **мубрам мебошад**. Ҳамчунин баррасии масъалаи мазкур ба таҳаввулоти семантикӣ ва прагматикии воҳидҳои алоҳидаи луғавии забоншиносӣ равшанӣ андохта, то чӣ андоза ба фаҳму дарки омма наздик будани илми наҳвро нишон дода, манзараи равандҳои ташаккули онро дар забони тоҷикӣ инъикос мекунад. Дар заминаи таҳқиқ, муайян карда мешавад, ки дар мисоли сермаъноии ҷумлаҳои пайрав, роҳҳои ташаккул ва инкишофи низоми грамматикаи забонро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Ҳамчунин, мавзуи мазкур, барои инкишофи назарияи синтаксис ва ҳам грамматика маводи зарурӣ фароҳам оварда метавонад.

Ҳарчанд дар хусуси ҷумлаҳои пайрав дар забони тоҷикӣ мақолаҳо ва асарҳои зиёди илмӣ эҷод шуда бошанд ҳам, таҳқиқи мукаммали мавзуъ дар забоншиносии тоҷик бори нахуст сурат мегирад. Бинобар ин, рисолаи мавриди назар қадами аввалинест, ки холигоҳи мавҷударо пурра мегардонад.

**Навгонии илмии таҳқиқи** мавриди тақриз ва саҳеҳии натиҷаҳои он дар он аст, ки бори аввал сермаъноии ҷумлаҳои пайрав пажуҳиши мушаххасу мукаммал шуда, вижагиҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав ошкор карда шудаанд.

Ҷанбаи дигари муҳимми диссертатсия аз он иборат аст, ки ба муҳаққиқони баъдӣ таҳлилу пажуҳиши мазмуну муҳтавои ҷумлаҳои пайрави сермаъно роҳ мекушояд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва муҳтавои ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи

диссертатсияро нишон медиҳанд. Инчунин, навгониҳои илмии диссертатсияи мазкур бо дарназардошти вазифаҳои гузошташуда муқаррар карда шудааст.

Диссертант Абураҳмонова М.А.дар коркади мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифа, объект, асосҳои назарию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми шахсии худро гузоштааст. Масъалаҳои асосии тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмӣ дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд.

Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ дар робита ба мавзуи диссертатсия саҳми шахсии диссертант маҳсуб меёбанд.

Муносибати инфиродии назарӣ ва методологии муаллиф дар ҳалли як қатор масъалаҳои назарии наҳви забони муосири тоҷикӣ мусоидат менамояд. Диссертант дар танзими равишҳои илмии ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия ба миён гузошташуда аз методи тасвири лингвистӣ чун методи асосӣ кор гирифта, ҳамчунин, дар такя ба методологияи илми забоншиносони муосир дар рисола аносири методҳои маъмули таҳқиқи забоншиносӣ – таҳлили муқоисавӣ, таҳлили сохторию семантикӣ, таҳлили семантикию услубиро истифода намудааст.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 28 мақолаи илмӣ, аз онҳо 15 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия маҳсуб мешавад.

Диссертатсияи мавриди тақриз аз **муқаддима, се боб, хулоса** ва **рӯйхати адабиёти истифодашуда** иборат мебошад. Муқаддимаи диссертатсияро гузориши масъала, зарурати интихобу дараҷаи омӯзиши мавзуъ, аҳаммияти илмӣ ва назарии он, методҳои таҳлилу пажӯҳиши мавзуи интихобшуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, омӯзишу баррасии ҷумлаҳои пайрави сермаъно фаро гирифтааст.

**Боби якуми** диссертатсия **«Масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик»** ном дошта, фарогири чор фасл мебошад. Фасли аввал **«Масъалаҳои назарии сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик»** унвон дошта масъалаи мазкур дар пайванд ба қисматҳои гуногуни забоншиносӣ, аз ҷумла, лексикология, наҳв ва услубшиносӣ таҳлил шудааст. Сермаъноӣ аз ҳодисаҳои ниҳоят сершохаи системаи забон маҳсуб шуда, тамоми қабатҳои онро дарбар

мегирад. Омӯзиши ҳодисаи сермаъноӣ дар ҳама қисматҳои забон воқеъ шуда, паҳлуҳои нав ба нави он ошкор карда мешавад. Дар давраи муайяни омӯзиши ин масъала ба миён омадани проблемаҳои нав сабаби бештар шудани диққати олимони забоншинос мегардад. Дар ин масъала муаллифи рисола менависад, ки ҳангоми таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва хелҳои он сохтор, қолаб ва маънову сермаъноии ҷумлаҳои пайрав таҳқиқ карда мешавад. Дар аксари таҳқиқотҳо низ мафҳуми сермаъноӣ бо истилоҳи «тобишҳои маъноӣ» ном бурда мешавад.

**Фасли дуюми** боби мазкур «**Давраи аввали омӯзиши масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик**» ном дошта, қайд карда мешавад, ки омӯзиши ин масъала дар забоншиносии умумӣ хеле барвақт сар шудааст ва якчанд олимони забоншиноси русро, аз қабили Ф.И. Буслаев, Виноградов В.В., С. Нестеренко, С.Д. Арзуманов аз олимони тоҷик С. Ализода, Т. Зеҳнӣ, А. Фитрат, Б. Ҳоҷизода, Л. Бузургзода ва дигаронро номбар кардааст. Ин муаллифон роҷеъ ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, муносибати ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла маълумоти мухтасар доданд.

**Фасли сеюм «Давраи дуюми омӯзиши масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик»** ном дошта доир ба оғози давраи дуюми омӯзиши масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки ба солҳои 60-уми садаи XX нисбат додан мумкин аст,дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик таҳқиқи хелҳои ҷудогонаи ҷумлаҳои пайрав рушд карда, ба туфайли ин таҳқиқот баррасии ҷумлаҳои пайрави сермаъно ва тобиши маъноӣ гирифтани онҳо дар забоншиносии рус ва тоҷик мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шуд. Дар давраи дуюми омӯзиши масъалаҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии умумӣ муаллифи рисола саҳми забоншиносони зеринро, аз қабили ёдоварӣ намудааст: В.А. Белошапкова, А.М. Пешковский, А.Н. Гвоздев, А.К. Федоров, С.И. Дружинина, Б.Н. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, М. Қосимова, Х. Ҳусейнов,Д. Тоҷиев, С. Атобуллоев, Ш. Рустамов, Б Камолиддинов, Ф. Зикриёев, Д. Хоҷаев, Р. Асоев ва дигаронро ёдоварӣ намудааст.

**Фасли чоруми боби якум «Меъёрҳои таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии тоҷик»** ном гирифта доир ба **таснифоти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносӣ** фикрҳои забоншиносони русу тоҷикро оварда, баъзан нисбат ба онҳо андешаҳои шахсии худро пешниҳод намудааст.

**Боби дуюми** диссертатсияи тақризшаванда «**Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва дар забони тоҷикӣ»** номгузорӣ шуда, фарогири панҷ фасл буда, фасли якуми боби дуюм фарогири мавзуи «**Баъзе масъалаҳои**

**сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва»** аст ва дар ин фасл вижагиҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва баррасӣ шудаанд.

Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави якузва бахши муҳимми наҳви ҷумлаҳои мураккаби забони тоҷикиро ташкил медиҳад. Бинобар ин, мавзуи мазкур ба назари муҳаққиқон дур намондааст, аммо давра ба давра амиқтар омӯхта шудан ва муайян гардидани вижагиҳои нав ба нави наҳвии ҷумлаи пайрав назари навро ба масъалаи сермаъноӣ талаб мекунад. Дар забоншиносии рус муҳаққиқони наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷумлаҳои пайравро вобаста ба ин ки бар эзоҳи кадом аъзои сарҷумла меоянд, ба ду гурӯҳи калон ҷудо карданд. Ба гурӯҳҳои якузва ва дуузва ҷудо намудани ҷумлаҳои пайрав дар таҳқиқоти як гурӯҳи олимони рус дида мешавад. Дар забоншиносии тоҷик ба гурӯҳи ҷумлаҳои пайрави якузва, ки бар эзоҳи як ё гурӯҳи аъзоҳои сарҷумла меоянд, муҳаққиқони ҷумлаҳои пайрави мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда шомил шуда, ба гурӯҳи ҷумлаҳои пайрави дуузва ҷумлаҳои пайрави ҳолро, ки бар эзоҳи тамоми сарҷумла меоянд, мансуб медонанд.

**Фасли дуюми боби дуюм «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда ва тобишҳои маъноии иловагии он»** ном дошта, оид ба сермаъноии ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар забоншиносии тоҷик баъзе қайду ишораҳо зикр шудаанд. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда, ки бо сарҷумла тавассути пайвандаки «ки» тобеъ мешавад, бисёр вижагиҳои грамматикии ин ҷумла ба ин алоқаманд аст. Мисолҳо собит месозанд, ки ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар байни ҷумлаҳои пайрави якузва ҷумлаи пайрави аз ҳама сермаъно аст. Вай чунин тобишҳои маъноӣ дорад: замон, макон, мақсад, шарт, хилоф, монандӣ, тарзи амал, миқдору дараҷа, натиҷа. Маъноҳои иловагии ин ҷумлаи пайрав бо мисолҳо аз адабиёти бадеӣ таҳқиқ карда шуданд.

**Фасли сеюми боби дуюм «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда ва тобишҳои маъноии иловагии он»** унвон дошта, он дар бораи хусусиятҳои ҷумлаи пайрави пуркунанда маълумот дода шудааст. Ба қавли муаллифи рисола, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда яке аз қолабҳои маъмул ва серистемоли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷикӣ ба шумор рафта, бо вижагиҳои сохторию маъноӣ аз ҷумлаҳои пайрави дигар фарқ дорад. Ҷумлаи пайрави пуркунанда, ки хабари сарҷумларо тавзеҳ медиҳад, боз тобишҳои маъноии зиёд дорад, аз қабили, мақсад, шарт, хилоф, монандӣ, тарзи амал, натиҷа. Ин маъноҳо бо мисолҳо тавзеҳ дода шуданд [Дисертатсия саҳ.133]

Фасли чоруми боби дуюм **«Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мубтадо ва тобишҳои маъноии иловагии он»** унвон дошта, он роҷеъ ба хусусиятҳои ҷумлаи пайрави мубтадо маълумот дода шудааст.

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мубтадо як намуди алоҳидаи ҷумлаи пайрав дар забоншиносии рус пайдо шуд. Масъалаи омӯзиши ҷумлаи пайрави мубтадо дар забоншиносии тоҷик бори нахуст аз тарафи забоншинос С. Атобуллоев муфассал шарҳ ёфтааст. Муаллифи рисола дар бораи ҷумлаи пайрави мубтадо маълумоти зарурӣ оварда, онро бо мисолҳои эътимодбахш асоснок кардааст. Инчунин, ин ҷумлаи пайрав чунин маъноҳои иловагӣ дорад: маънои муайянкунандагӣ, замон, мақсад, шарт, монандӣ, пуркунанда, натиҷа, ки бо мисолҳои эътимодбахш шарҳу эзоҳ ёфтанд.

**Фасли панҷуми боби дуюм «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави хабар ва тобишҳои маъноии иловагии он»** ном дошта сермаъноии ҷумлаи пайрави хабар дар ин фасл таҳқиқ шудааст. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави хабар аз навъи серистеъмоли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба шумор меравад. Дар ин фасл оид ба сермаъноӣ ва вижагиҳои грамматикии ҷумлаи пайрави хабар сухан рафтааст. Аз мисолҳо бар меояд, ки ин ҷумлаи пайрав ба ғайр аз маъно ва вазифаи худ, яъне тавзеҳи хабари сарҷумла, ки ба воситаи ҷонишинҳои ишоратӣ ифода шудаанд, боз дар ҷумла метавонанд маъноҳои **муайянкунандагӣ, замон, мақсад, шарт ва натиҷаро** касб намуда барои пуробурангии сухан саҳмгузор бошанд.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Сермаъноии ҷумлаҳои пайрави дуузва» дар забони тоҷикӣ»** номгузорӣ шуда, фарогири панҷ фасл буда, дар фасли якуми боби мазкур, ки **«Омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забоншиносии тоҷик»** ном дорад вижагиҳо ва сермаъноии ҷумлаҳои пайрави ҳол таҳлил шудааст. Ҷумлаҳои пайрави ҳол гурӯҳи калони ҷумлаҳои пайравро ташкил медиҳад. Омӯзиши хусусиятҳо ва таснифоти онҳо дар забоншиносии тоҷик аз бахши мубрамтарини ҷумлаҳои мураккаби тобеъ маҳсуб мешавад. Дар атрофи таснифоти ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забоншиносии тоҷик баҳсҳо хеле зиёд буданд. Муҳаққиқи ҷумлаи пайрави ҳол Д. Тоҷиев дар мавриди сермаъноии ҳол 10-навъи ҷумлаҳои пайрави ҳолро кашф кардааст. Аз таҳлили ҷумлаҳо бармеояд, ки ҷумлаҳои пайрави ҳол ҳар кадом дорои семантикаи дохилӣ ва тобишҳои маъноии худ ҳастанд.

**Фасли дуюми** боби сеюм **«Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави ҳоли тарзи амал ва тобишҳои маъноии иловагии он»** ном дошта, ҷумлаи пайрави ҳоли тарзи амал муносибати ҳолиро дар ҷумла хеле барҷаста нишон медиҳад ва тобишҳои маъноиро низ ифода мекунад. Ҷумлаи пайрави ҳоли тарзи амал чунин маъноҳои иловагӣ дорад: маънои натиҷа, мақсад, монандӣ, **муайянкунандагӣ, сабаб, замон, хилоф, ва ғайра.**

**Фасли сеюми** боби сеюм **«Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави ҳоли миқдору дараҷа ва тобишҳои маъноии иловагии он»** унвон дошта, ҷумлаи пайрави ҳоли миқдору дараҷа миқдору андозаи амалу ҳолатро ифодагар аст. Ҷумлаи пайрави ҳоли миқдору дараҷа чунин маъноҳои иловагӣ дорад: маънои шарт, мақсад, монандӣ, тарзи амал, сабаб, замон, хилоф ва ғайраро ифода менамояд.

**Фасли чоруми** боби сеюм **«Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави ҳоли монандӣ ва тобишҳои маъноии иловагии он»** доир ба вижагиҳо ва сермаъноии ҷумлаи пайрави ҳоли монандӣ баҳс менамояд. Ҷумлаи пайрави ҳоли монандӣ амали сарҷумларо тавзеҳ медиҳад ва ба воситаи он ба тамоми сарҷумла муносибат пайдо мекунад, яъне ҷумлаи пайрави ҳоли монандӣ ба калимаи ҳамнисбат, ки аъзои пайрави сарҷумла аст, тобеъ шуда, тамоми сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳад. Маъноҳои иловагии ҷумлаи пайрави ҳоли монандӣ инҳоянд: муайянкунандагӣ, сабаб, тарзи амал, миқдору дараҷа, сабаб, замон, хилоф.

Фасли панҷуми боби сеюм **«Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави ҳоли сабаб ва тобишҳои маъноии иловагии он»** ба хусусиятҳои инфиродии ҷумлаи пайрави ҳоли сабаб бахшида шудааст. Ҷумлаи пайрави ҳоли сабаб ба муносибати махсуси ба сарҷумла доштааш фарқ менамояд. Ин ҷумлаи пайрав сабаби воқеъ шудан ва ё нашудани амали сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳад. Дар мавриди сермаъноии ҷумлаи пайрави ҳоли сабаб муаллифи рисола тобишҳои маъноиро бештар ба пайвандакҳо вобаста медонад ва ҷумлаи пайрави ҳоли сабаб аз дигар ҷумлаҳои пайрав бештар пайвандак дорад. Аз таҳлили мисолҳо му, ки маъноҳои иловагӣ – эзоҳии ҷумлаи пайрави ҳоли сабаб маънои замон, шарт, мақсад, натиҷа ба шумор мераванд.

Дар **хулосаи** диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои асосии пажуҳишгардида оварда шуда, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин гардидааст.

Дастовардҳои муаллифи рисола дар омӯзиш ва пажуҳиши минбаъдаи масъалаҳои забоншиносӣ, хоссатан дар соҳаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав саҳми боарзиш ва судманде хоҳад гузошт. Ҷанбаи илмии рисола ҳам хуб буда, нигорандаи он барои ҷамъоварии мавод ва пажуҳиш то қадри имкон аз осори донишмандони ватаниву хориҷӣ истифода намудааст. Бо вуҷуди дастовардҳои боарзиши илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб, камбудиву норасоиҳо дар диссертатсия роҳ ёфтааст, ки зикри онҳоро зарур медонем :

1. Дар диссертатсия иқтибосҳо, махсусан доир ба сермаъноии ҷумлаи пайрави муайянкунанда, аз ҳад зиёданд. Муҳаққиқ бояд нисбат ба иқтибосҳо муносибати худро муайян мекард.

2. Аз саҳ. 4-103 танҳо мақолаҳо ва асарҳои олимон доир ба масъалаҳои оид ба наҳв навишташуда ба таври хронологӣ баррасӣ шуданд, ки ин хеле зиёд аст.

3. Дар саҳ. 104 иборае, ки таҳти унвони «хусусияти гиперматнӣ...», омадааст, бояд дар қавсайн тавзеҳи ин истилоҳ дода шавад, чунки ин истилоҳ бори аввал дар диссертатсия оварда шудааст.

4. Ҷумлаҳои 1. «Он лаҳзаҳои рӯз ба мисли умри ӯ ба анҷом омада, соя афтод». 2. «Офтоб ба паси қуллаи кӯҳ хамида...» дар с.115, 117 такроран омадааст.

5. Дар саҳ. 125 доир ба ҷумлаи пайрави муайянкунанда, ки тобиши мақсадро ифода кардааст, ҷумлаеро мехонем: Ягон одами таинро мефармоям, ки пулро ба волидаи марҳум бурда диҳад (С. Улуғзода). Ин ҷумла ҷумлаи пайрави пуркунанда аст, на ҷумлаи пайрави муайянкунанда.

6. Саҳ. 144 **ҳар ки, ҳар чи** ҷонишини таинӣ ҳастанд, на пайвандак.

7. Саҳ. 188 ҳар ду ҷумлаи дар таблитса нишондодашуда ҷумлаи пайрави монандӣ маҳсуб мешаванд.

Камбудиҳои зикршуда дар маҷмуъ арзиши илмии кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаашро дар сатҳу савияи баланди илмию таҳқиқӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи доктории Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна маълумоти фаровон ва далелҳои ҷолиб гирифтан мумкин аст.

Бинобар ин, диссертатсияи мазкур кори анҷомёфтаи илмӣ-таҳқиқӣ буда, онро дастоварди тоза дар наҳви ҷумлаҳои мураккаби забони тоҷикӣ шинохтан мумкин аст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқаррааргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таҳия гардида, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулоса, диссертасияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Нурхон Гадоев омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратмаҷлиси № 2 аз 18-уми сентябри соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра 13 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи назария
ва амалияи забоншиносӣ
номзади илми филология,
дотсент — Иброимова Гуландом Наимовна

**Эксперт:**
профессори кафедраи назария
ва амалияи забоншиносӣ,
доктори илми филология — Гадоев Нурхон

**Котиби илмии ҷаласа:**
дотсенти кафедраи назария ва амалияи
забоншиносӣ, номзади илми филология, дотсент — Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

«Имзоҳои Г. Иброимова, Н. Гадоев, Ш. Юсуповро
тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода С.

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj. Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
«18» сентябри соли 2025